**Тақриз**

ба автореферати Холбойзода Фатҳиддин Холбой дар мавзуи "Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар ҳамаи давру замонҳо воситаи муҳими таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтору амал, ҷаҳонбинию донишомӯзии инсон буда, дар замони муосир низ арзишмандии таълиму тарбиявии худро гум накардаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии илмии онҳо тибқи талаботи пешрафт ва дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ-иқтисодии ҷомеа муҳим буда ба солимии маънавӣ, тарзи ҳаёти шахсию оилавӣ, иҷтимоию фарҳангӣ хеле судманд мебошанд. Махсусан, дар устувории андешаҳои ахлоқӣ, худшиносиву хештаншиносӣ, ватанпарастиву меҳанпарастӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, арзишҳои оиладорӣ ва тарбияи насли наврас афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик нақши муҳим дорад, ки дар онҳо таҷрибаи тарбиявии мардум бо таври назму наср ҷамъбасту баҳодиҳӣ гардидаанд.

Бо дарназардошти он ки дар дурдонаҳо ва ганҷинаҳои бадеӣ-тарбиявии насриву назмии шоирону адибон ва мутафаккирону донишмандони халқи тоҷик, ба монанди "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, , "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус, "Кимиёи саодат"-и Муҳаммади Ғаззолӣ, "Насиҳат-ул-мулук"-и Ғаззолӣ, "Гулистон"-у "Бӯстон"-и Саъдӣ, "Илоҳинома" ва "Мантиқ-ут-тайр"-и Аттор ва ғайра, ки дар онҳо ҷавҳари ахлоқи ҳамида ва асоси таълиму тарбияи насли наврас гузошта шудааст, дар ҳақиқат аз мавзуҳои мубрами педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон эҷодиёти камназири Бедили Деҳлавӣ, ба монанди "Девон"-и ӯ, ки фарогири маснавиҳои пурарзиши «Муҳити аъзам», «Ирфон», "Тӯри маърифат", "Тилисми ҳайрат"-ро дарбар мегиранд ва асарҳои мансури –ӯ - «Нукот», «Чор унсур», «Ишорот ва ҳикоёт», «Руқаот» ва ғайра, ки дар назарияи таълиму тарбия, ё худ асосҳои илми педагогика мавқеи хоса доранд, муҳаққиқ Холбойзода Фатҳиддин Холбой кӯшиш намудааст, дар ин замина афкори педагогии ин марди хирадро, ки дар асри хеш беназир будааст ва бо сеҳри қалами худ дар ташаккули арзишҳои инсонӣ нақши муҳим бозидааст, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор диҳад ва аҳамияти назариявӣ ва амалии онро дар ҷомеаи муосир баррасӣ намояд.

Маълум аст, ки таълимоти тарбиявии мутафаккирони тоҷику форс аз тарафи мутафаккирони хориҷию ватанӣ хеле зиёд мавриди омӯзишу таҳлили илмӣ қарор гирифта, ҷанбаҳои таърихӣ, философӣ, педагогии онҳо ба таври умумӣ пешниҳод гардидаанд. Дар байни таҳқиқотҳои илмии олимони муосири ватанӣ оид ба афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик, аз ҷумла афкори педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва амалигардонии андешаҳои ӯ дар раванди дарсҳои хонандагони синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик таҳқиқоти Холбойзода Фатҳиддин низ бо таъкиди чанд нуктаҳо афзалиятнок шуморида мешавад. Аз ҷумла:

1. Дар ҳамаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳои методии қабулкардаи Ҳукумати Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс ҳамчун асоси назариявӣ-методологии таълиму тарбия, ҳифзи арзишҳои миллӣ, худшиносиву хештаншиносӣ, баланд бардоштани ғурури миллӣ эътироф шудааст, ки муҳаққиқ кӯшиш намудааст онҳоро пайгирӣ намояд;

2. Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ, ки тибқи технологияи муосири иттилоотӣ-иртиботӣ ба ахлоқи инсонӣ, арзишҳои шахсӣ, устувории ақидавӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ таъсири худро расонда ба косташавии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат намуда истодааст, истифодаи андешаҳои арзишманди мутафаккирон саривақтӣ аст;

3. Таъсири муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-адабии замони шоир, ки ба шаклгирии афкори педагогии мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла Мирзо Бедил бетаъсир набудааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Иҷрои ин амал гувоҳи огоҳ будани унвонҷӯй ба таҳқиқоти таърихию фалсафӣ мебошад;

4. Ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар афкори педагогии Абдулқодири Бедил дар ибтидо ва дар маҷмуъ, тасниф ва таҳлилу таҳқиқ карда шудааст. Маълум аст, ки эҷодиёти Бедил низ аз осори тарбиявӣ-ахлоқӣ ғанӣ буда, дар байни муҳаққиқони барҷастаи илму адаб шуҳрати ҷаҳонӣ дорад.

5. Диссертант дуруст таъкид кардааст, ки на ҳамаи андешаҳои М. Ғазолӣ ба шароити ҷомеаи демократию дунявӣ созгор аст ва онҳо бояд дар зерхати қонунгузории кишвар мавриди истифодабарӣ бошанд. Муҳаққиқ кӯшиш намудааст андешаҳои Мирзо Бедилро нисбати ин нуктаҳо тавзеҳ дода, мақбул ё номақбул будани онро собит намдуааст;

6. Диссертант дар раванди таҳлили назариявии андешаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил умумият ва фарқияти андешаҳоро дар боби таъсири таълим ба тарбияи хонандаи синфи болоии мактаб таҳқиқ ва ва аз озмоиш гузаронида шудааст, ки он ифодагари мавҷудияти дониш, маҳорату малакаи таҳлилӣ-таҳқиқотии диссертантро нишон медиҳад;

7. Холбойзода Фатҳиддин дар боби дуюми кор, ки давоми мантиқии омӯзишу баррасии ҳамаҷонибаву интиқодии андешаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад, ки дар он технологияи педагогии амалисозии ақидаҳои педагогӣ дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик бо истифода аз кори озмоишӣ тарбиявӣ пешниҳод гардидааст;

8. Омӯзиш ва таҳлили илмии эҷодиёти Бедил ба муҳаққиқ имконият додааст, ки роҳҳо ва шеваҳои татбиқи ақидаҳои педагогӣ, ки ҳамагӣ ба таълим ва тарбияи солими насли наврас нигаронида шудаанд, дар заминаи принсипҳои муттасилият ва тарбияи бармаҳали кӯдакон, таълими оилавӣ, муҳаббат ва ҷилавгирии эҳсосот, ҳурмату эҳтиром, меҳнати эҷодкорона ва созанда, ки ба илму адаби мутафаккирони тоҷику форс хос аст, муайян ва баррасӣ намояд;

9. Ба натиҷагирӣ аз фаъолияти ниҳодҳои тарбиявӣ, аз назди волидайн сар карда то боғчаву мактаб ба ташаккул ва таҳаввули хислатҳои неки фарзандон бояд таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд, ки дар тавсияву хулосаҳои дар автореферат овардашуда махсус таъкид карда шудааст.

ХУЛОСА. Кори диссертатсионии Холбойзода Фатҳиддин дар мавзуи "Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик" таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, он ҷавобгуй ба талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба иҷрои корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат менамояд ва муаллиф сазовори дараҷаи илмии дархостнамуда мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент
10.02.2025

Худойназаров
Меҳрожидин Ашӯрович

*Маълумот барои тамос:*
*Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент*
*735500, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 106.*
*Тел.: (+992) 927030316; Email. mehroj20@mail.ru*

"Имзои дотсент М.А.Худойназаровро тасдиқ мекунам"
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДОТ ш. Панҷакент: Қурбонов М. Л.